Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 18 (4758) | ЧОРШАНБЕ, 7 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Сафарзода С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафарзода Суҳроб бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 феврали соли 2024, № 750**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Аҳмадзода М. Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Аҳмадзода Музаффар Раҷаб бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 феврали соли 2024, № 751**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини якуми директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Расулӣ Б.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Расулӣ Барот муовини якуми директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 феврали соли 2024, № 752**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Камолзода Ф. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Камолзода Фируз Анваралӣ муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 феврали соли 2024, № 753**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 феврали соли 2024, № 43, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Сафарзода М. Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сафарзода Муҳаммад Бақо бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 феврали соли 2024, № 44, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини якуми сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Шарифзода Ф. Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шарифзода Фирӯз Бобоназар муовини якуми сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 7 феврали соли 2024, № 45, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Аҳмадзода Д. Д.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## АМРИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 феврали соли 2024, № АП-511**

## АМРИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қурбонзода Ҳилолбӣ Ҷумъахон муовини директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 феврали соли 2024, № АП-512**



# ТАЪЙИНОТИ КАДРӢ

**Ҳафтуми феврали соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳои ба вазифаҳои роҳбарӣ дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйингардидаро барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаҳои муовини якум ва муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мувофиқа бо Сарвари давлат сардорони раёсатҳои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон, минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, сардорони баъзе аз раёсатҳои дастгоҳи марказии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия аз ҳисоби кадрҳои кордону варзида ва ҷавону ояндадор таъйин гардиданд.

Ҳамчунин, муовини директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини якуму муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардиданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат таваҷҷуҳи ҳозиринро ба камбудию норасоиҳое, ки дар кори ин ва дигар мақомоти давлатӣ ба назар мерасанд, ҷалб намуда, барои бартараф намудани онҳо, муборизаи беамон бар зидди ҳама гуна ҷинояткорӣ, назорати харҷи босамари маблағҳои буҷетӣ ва татбиқи ҳадафмандонаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва бо ҳисси баланди масъулиятшиносию ватандӯстӣ ба роҳ мондани фаъолияти хизматӣ дастуру ҳидоятҳо доданд.

Таъкид гардид, ки донистани на кам аз ду забони хориҷӣ, тарбияи кадрҳои ҷавону ватандӯст ва содиқ ба давлату миллат ва ҳамчунин, мусоидати ҳамаҷониба ба таҳкими амну субот дар ҷомеа аз вазифаҳои асосии ҳар як хизматчии давлатӣ ба ҳисоб меравад.

**www.prezident.tj**

---

**Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

# МАВСУМА МУИНӢ МУОВИНИ РАИСИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ИНТИХОБ ШУД

**Ҳафтуми феврали соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 55 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ҷамшед Шарифзода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад, муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фирӯз Ҳумдин, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Икромӣ Сироҷиддин Салом ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа ҳабдаҳ масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансурӣ Д. С.»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Мансурӣ Д. С.»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Мансурӣ Д. С.»**

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

---

# ВОХӮРИИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

**Аз 26-уми январ то 5-уми феврали соли ҷорӣ раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзалӣ Идизода ва вакили Маҷлиси намояндагон Даринг Раҳмон Ҷаҳон Афрӯз Қурбонзода дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Роштқалъа, Шуғнон, Рӯшон, Ванҷ, Дарвоз ва вакили Маҷлиси намояндагон Саодатшо Матробиён дар ноҳияи Ишкошим бо фаъолон, кормандони соҳаҳои маорифу тандурустӣ, сохторҳои низомӣ вохӯрда, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳу тавзеҳ доданд.**

Вакилони Маҷлиси намояндагон зимни шарҳу тавзеҳи Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сиёсати хирадмандонаю созандаи Пешвои миллат дар пешрафти мамлакат, муҳимтарин дастовардҳои соли 2023, ҳадафҳои нави стратегии кишвар, ташаббусҳои Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, нақши Маҷлиси намояндагон дар таҳия ва қабули қонунҳо, роҳҳои баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия, амалӣ сохтани барномаҳои соҳаҳои маориф, фарҳангу тандурустӣ ва дигар нуктаҳои он ёдовар шуданд. Изҳор доштанд, ки Паём қутбнамои рушди устувор ва дастури зиндагии шоиста барои ҳар як сокини мамлакат мебошад ва мо ҳар як нуктаи онро бояд сари вақт дар амал татбиқ намоем.

Зимни суҳбати ошкору самимӣ бо интихобкунандагон вакилони Маҷлиси намояндагон оид ба аҳамияти бузурги сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии Паём ибрози андеша карда, изҳор доштанд, ки роҳҳои расидан ба ҳадафҳои бузургу муҳим ва таъмини зиндагии шоистаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар Паёми Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври мушаххас ва дақиқ нишон дода шудаанд.

Дар интиҳо ҳамаи дархосту пешниҳодҳои интихобкунандагонро вакилони Маҷлиси намояндагон ба эътибор гирифта, ба пурсишҳои онҳо посухҳои мушаххас ва қонеъкунанда доданд.

**Вакили Маҷлиси намояндагон Ғайрат Азиззода бо омӯзгорону донишҷӯёни коллеҷи омӯзгорӣ ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 17-и ноҳияи Мастчоҳ мулоқот намуд.**

Ҳамзамон, вохӯрии вакил бо интихобкунандагон дар маркази ташхисӣ - табобатии «Сино» ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 18-уми шаҳраки Обшорони ноҳия баргузор гардид, ки дар онҳо масъалаҳои дар Паём ироашуда тавзеҳу мартаҳ гардиданд.

**2-юми феврал дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифҷон Ҳакимзода бо интихобкунандагон мулоқот кард.**



Гуфта шуд, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози фарогирии масъалаҳои муҳими ҳаёти сиёсӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат дар замони қувват гирифтани рақобати давлатҳои абарқудрат ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти башарӣ ҳуҷҷати арзишманд ва ҳидоятсози мардуми мамлакат маҳсуб мешавад. Он ба пешбурди манфиатбори сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ равона гардидааст.

Шарифҷон Ҳакимзода роҷеъ ба самтҳои афзалиятноки минбаъдаи рушди мамлакат, рақамикунонии иқтисодиёт, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва ба давлати содиркунандаи «неруи сабз» табдил додани Тоҷикистон, рушди босуръати соҳаҳои саноату сохтмон, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, эҳтиром ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва волоияти қонун дар ҷомеа, инчунин, арҷгузорӣ ба фарҳангу маданияти миллӣ, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дарҷ гардидаанд, ибрози андеша намуд.

Ҳамзамон, аз ҳозирин даъват гардид, ки ҷиҳати татбиқи дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми назаррас гузоранд.

**Дар деҳоти «Зарзамин»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров вохӯрии вакили Маҷлиси намояндагон Мавлудахон Мирзозода бо интихобкунандагон ҷиҳати шарҳу тавзеҳи нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид.**

Мавлудахон Мирзозода зимни суханронӣ вобаста ба тарбияи насли наврасу ҷавонон дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ, пешгирӣ аз шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, самаранок истифода бурдани шабакаҳои иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи ҳушёрию зиракии сиёсии мардум, садоқат ба халқу Ватан ва сарҷамъ гардидан дар атрофи сиёсати созандаю бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фикру андешаҳои судманд баён дошт.

**Машҳури ИМОМНАЗАР,**
**Мухтори АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»,**
**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МАВСУМА МУИНӢ МУОВИНИ РАИСИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ИНТИХОБ ШУД



(Идома аз саҳ. 1)

**4. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Муинӣ М. М.»**

**5. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба ҳайати Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Муинӣ М. М.»**

**6. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният баровардани Муинӣ М. М.»**

**7. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонзода М. Р.»**

**8. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия баровардани Қурбонзода М. Р.»**

**9. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия озод намудани Қурбонзода М. Р.»**

**10. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Қурбонзода М. Р.»**

**11. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Холиқзода Ҳ. Ҳ.»**

**12. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Толибзода Ф. Н.»**

**13. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Салимзода А. А.»**

**14. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Шарифзода Ф. Ҳ.»**

**15. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Толибзода Ф. Н.»**

**16. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Шарифзода Ф. Ҳ.»**

**17. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Икромӣ С. С.».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансурӣ Д. С.» шурӯъ менамоем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансурӣ Д. С.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатӣ «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Мансурӣ Д. С.» мебошад. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Мансурӣ Д. С.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Мансурӣ Д. С.» шурӯъ мекунем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Мансурӣ Д. С.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Муинӣ М. М.» оғоз менамоем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Муинӣ М. М.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба ҳайати Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Муинӣ М. М.» шурӯъ мекунем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба ҳайати Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Муинӣ М. М.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният баровардани Муинӣ М. М.» оғоз менамоем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният баровардани Муинӣ М. М.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонзода М. Р.» шурӯъ мекунем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонзода М. Р.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия баровардани Қурбонзода М. Р.» оғоз менамоем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия баровардани Қурбонзода М. Р.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия озод намудани Қурбонзода М. Р.» шурӯъ мекунем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия озод намудани Қурбонзода М. Р.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Қурбонзода М. Р.» оғоз менамоем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Қурбонзода М. Р.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Холиқзода Ҳ. Ҳ.» шурӯъ мекунем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Холиқзода Ҳ. Ҳ.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Толибзода Ф. Н.» оғоз менамоем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Толибзода Ф. Н.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Салимзода А. А.» шурӯъ мекунем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

(Давомаш дар саҳ. 3)




## «ТОҶИКСТАНДАРТ» БА ТАТБИҚИ ВАКОЛАТИ НАВ ОҒОЗ КАРД

**Дар нишасти матбуотии Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корманди рӯзнома доир ба ваколати нави ин ниҳод, ки дар заминаи таҳия, қабул, ҷонибдорӣ ва мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» муқаррар шудааст, савол пешниҳод намуд.**



Лозим ба ёдоварист, ки санади меъёрии ҳуқуқии зикршуда бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат пешниҳод гардида, ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо барои додани шаҳодатнома оид ба воридоти бензин ваколат дод.

Директори агентӣ Темурҷон Абдулваҳҳобзода иқдоми мазкурро саривақтӣ ва барои таъмини бехатарии маҳсулоти нефтӣ муҳим арзёбӣ карда, минҷумла гуфт, ки то ин замон аз ҷониби воридкунандагони бензин 11 дархост ворид гардида, ба 2 субъект чунин шаҳодатнома дастрас гардид.

Зимни саволу ҷавоб журналистон иттилоъ гирифтанд, ки дар натиҷаи гузарондани назорати давлатӣ 1 миллиону 436 643 кг маҳсулоти гуногуни пастсифати ғизоӣ ошкор шудааст, ки як қисми он (1 миллиону 051 305 кг) аз лиҳози бехатарӣ ва боқимонда (385 338 кг) аз рӯи тамғагузорӣ дар борҷома ба талабот ҷавобгӯ набуданд. Аз ҷумла, дар озмоишгоҳҳои «Тоҷикстандарт» аз рӯи сифату бехатарӣ ва тамғагузорӣ 84 360 кг маҳсулоти гӯштӣ, 134 826 кг равғани растанӣ, 272 308 литр нӯшокиҳои спиртӣ, 114 573 литр нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, 65 100 кг маҳсулоти қаннодӣ, 22 974 кг маҳсулоти ширӣ, 73 845 кг иловагиҳои ғизоӣ, 367 440 кг намак, 1259 кг тухми мурғ ва дигар маҳсулот, ки қисми зиёдашон маҳсулоти воридотӣ ба ҳисоб меравад, ғайристандартӣ эътироф шуда, нисбат ба воридкунандагони ин маҳсулот чораҳои маъмурӣ андешида шуд.

Дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони масъулиятшинос барои нобудсозии 87 000 кг маҳсулоти гуногуни хӯроквории муҳлати истеъмолашон гузашта дархост ворид гардид.

Барои вайрон кардани қоидаҳои савдо, фиреб додани истеъмолкунандагон ва риоя накардани талаботи қонунгузории соҳа ашхоси муҷрим ба маблағи 1 миллиону 602 972 сомонӣ ҷарима шуданд.

Барои таъмини сифат ва бехатарии маводи сӯзишворӣ соли 2023 агентӣ 949228,2 тонна маҳсулотро ташхис намуда, 359,4 тонна сӯзишвории ғайристандартиро ошкор ва ба тамғаи дигар гузаронд.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**



## МЕҲНАТ – КАЛИДИ РИЗҚУ РӮЗӢ

**- Соли 2023 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 63028,4 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 109 фоиз зиёд мебошад. Аз ҷумла, маҳсулоти растаниparварӣ 43365,7 млн. сомонӣ ва чорводорӣ 19662,7 млн. сомониро ташкил медиҳад, - иброз намуд вазири кишоварзии ҷумҳурӣ Қурбон Ҳакимзода зимни нишасти матбуотӣ.**

Бо фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар комплекси агросаноатӣ теъдоди хоҷагиҳои деҳқонӣ 176 ҳазор ва шумораи кормандони соҳа 1664,5 ҳазор нафарро ташкил дод.

Ҳамчунин, кишоварзони мамлакат бо мақсади таъмин намудани аҳолӣ бо сабзавоти тару тоза аз ҳисоби гармхонаҳои доимоамалкунандаю мавсимӣ 20 ҳазор тонна сабзавоти тару тоза ба бозорҳои истеъмолии ҷумҳурӣ пешниҳод намуданд.

Қайд гардид, ки аз замини умумии киштшуда зироатҳои ғалладонагӣ 392,6 ҳазор гектар, зироатҳои техникӣ-202,6, картошка-55,5, сабзавот-73,2, полезӣ-22,6 ва зироатҳои хӯроки чорво 114,7 ҳазор гектарро ташкил медиҳад.

**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

## НАХУСТИН САНҶИШИ МЕХСУТУНҲО ГУЗАРОНДА ШУД



**5-уми феврал дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишасти матбуотӣ баргузор гардид.**

Раиси кумита Низом Мирзозода зикр кард, ки соли гузашта сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ ба маблағи 19 миллиарду 859 миллион сомонӣ истифода шуда, дар ин давра ба масоҳати умумии 1 миллиону 735 ҳазор метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудаанд. Соли 2023 фондҳои асосӣ ба маблағи 5 миллиарду 864 миллиону 100 ҳазор сомонӣ ба кор андохта шуда, инчунин, корҳои сохтмонию васлгарӣ 17 миллиарду 958 миллиону 70 ҳазор сомониро ташкил дод. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти кумита таъмини шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо нақшаҳои генералӣ ва нақшаҳои муфассали банақшагирии маҳал мебошад, ки айни замон 65 маркази шаҳру ноҳияи кишвар бо нақшаҳои генералӣ пурра таъмин мебошанд.

Иттилоъ дода шуд, ки кумита бо мақсади баҳодиҳии риояи меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ, регламентҳои техникии сифати технологии корҳои сохтмонӣ, мавод ва маснуоти сохтмонӣ ва дигар санадҳои қонунгузории шаҳрсозӣ дар бино ва иншооти сохташаванда барои таъмини зилзилатобоварии биною иншоот, санҷиши мехсутуну асосҳои бино ва иншоот дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ озмоишгоҳи махсусгардонидашуда бо таҷҳизоти муосир таъсис дод. 26 декабри соли 2023 нахустин санҷиши мехсутуну асосҳои бинои истиқоматии баландошёна воқеъ дар кӯчаи Нусратулло Махсуми ноҳияи Синои пойтахт гузаронда шуд, ки мақсади асосии санҷиш муайян кардани қобилияти борбардории мехсутунҳо мебошад.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

## «ТОҶИКСУҒУРТА» СОЛИ 2023-РО БО ФОИДА ҶАМЪБАСТ КАРД



**КВД «Тоҷиксуғурта» соли 2023 бо шахсони ҳуқуқию воқеӣ 547 ҳазору 625 шартномаи суғуртавиро ба маблағи 39 миллиону 459,2 ҳазор сомонӣ ба имзо расонд. Маблағи воридгардида нисбат ба нақша 6 миллиону 162,5 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин бора директори генералии КВД «Тоҷиксуғурта» Шуҳрат Мақсудзода 5-уми феврал зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Бино ба гуфти ӯ, аз шумораи умумӣ 19 ҳазору 555 шартнома ба маблағи 3 миллиону 444,2 ҳазор сомонӣ ба шакли ҳатмии суғурта ва 528 ҳазору 70 шартнома ба маблағи 36 миллиону 15 ҳазор сомонӣ ба шакли ихтиёрии суғурта рост меояд. Зикр шуд, ки корхона соли 2023 ба шахсони ҳуқуқию воқеии ба молу амвол ва ҳаёту саломатиашон зараррасида 3 миллиону 97 ҳазору 800 сомонӣ ҳаққи суғуртавӣ пардохт кард.

- Дар ин давра корхона ба буҷет 8 миллиону 157 ҳазору 800 сомонӣ пардохт намуд, ки нисбат ба соли пеш 894 ҳазору 200 сомонӣ зиёд мебошад. Бо андешидани чораҳои судманд дар самти кам кардани хароҷоти дуюмдараҷа ва бемаврид, фаъолияти корхона дар соли 2023 бо фоида ба маблағи 4,9 миллион сомонӣ ҷамъбаст шуд. Бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравӣ тасдиқ гардида, маблағи суғурта аз тариқи суратҳисоби сохторҳои Вазорати молия дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба суратҳисобҳои корхона ва филиалҳои он ғайринақдӣ ирсол мешавад, - зикр кард Шуҳрат Мақсудзода.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

## ТЕЪДОДИ БЕМОРОНИ НАШЪАМАНД 5 ФОИЗ КОҲИШ ЁФТААСТ



**Директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Самад Зафар 5-уми феврал зимни нишасти матбуотӣ иброз намуд, ки аз ҷониби агентӣ соли сипаришуда аз муомилоти ғайриқонунӣ 495 килою 97 грамм маводи нашъаовар мусодира гардид, ки нисбат ба соли қаблӣ 25 килою 433 грамм (4,9 фоиз) кам мебошад. Гарчанде соли гузашта ҳаҷми маводи нашъаовар аз ҷониби агентӣ 4,9 фоиз коҳиш ёфта бошад ҳам, вале мусодираи моддаҳои психотропӣ, ки хатари бештар доранд, 380 фоиз ва афюн 37,2 фоиз афзоиш ёфтааст.**

- Соли 2023 аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии кишвар, дар маҷмӯъ, 21319 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 699 ҷиноят вобаста ба маводи нашъадор мебошад. Соли сипаришуда дар ҷумҳурӣ аз муомилоти ғайриқонунӣ 5 тоннаю 282 килою 814 грамм маводи нашъаовар мусодира карда шудааст, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ 291 килою 638 грамм (5,8 фоиз) зиёд мебошад, - иброз намуд Самад Зафар.

Зикр гардид, ки то 1-уми январи соли 2024 дар ҷумҳурӣ 4160 нафар нашъаманд дар қайд мебошанд, ки ин нишондод нисбат ба соли қаблӣ 221 нафар (5 фоиз) коҳиш ёфтааст. Аз теъдоди умумии нашъамандон як нафар 17-сола, 238 нафар ҷавонони аз 18 то 34-сола, 3113 нафар шахси аз 35 то 59-сола ва як нафар шахси аз 60-сола боло мебошанд. Миёни беморони нашъаманд 107 нафарашон зан мебошанд, ки ин шумора нисбат ба соли қаблӣ 6 нафар зиёд аст.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 100 ҳазор аҳолӣ 41,6 бемори нашъаманд рост меояд.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

## ҲАМКОРИИ ДСРТ БО ДОНИШГОҲҲОИ АВРУПОВУ РОССИЯ БЕҲТАР МЕГАРДАД

**Якуми феврали соли 2024 дар Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон вобаста ба натиҷаҳои соли 2023 нишасти матбуотӣ баргузор гардид.**



Бино ба гуфти ректори донишгоҳ Машраб Қурбоналӣ, профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ соли сипаришударо бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст намудаанд. Пеш аз ҳама, диққати хоса ба таълиму тарбияи донишҷӯён, унвонҷӯён ва шароити зисту таълим равона шуда буд.

Ҳамкории ДСРТ бо донишгоҳҳои Аврупо, Университети техникии Дрезден, Университети Даучавпилский, Университети федералии Урал, Университети миллии авруосиёии Қазоқистон ва ғайра натиҷаи хуб дода, 50 нафар донишҷӯ дар онҳо таҳсил доранд.

Талаботи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон ба журналистони русзабонро ба назар гирифта, донишгоҳ ният дорад, ки факултети журналистика ташкил намояд. Алҳол 17 донишҷӯи кафедраи журналистика дар Университети техникии Дрезден таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ менамоянд.

**Тилло НЕКҚАДАМОВ, «Садои мардум»**



## ДАРОМАДИ «ТОҶИКМАТЛУБОТ» - 97,1 МИЛЛИОН СОМОНӢ

**Иттифоқи «Тоҷикматлубот» ҷиҳати иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми марти соли 2023 «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024» 2305 тонна маҳсулоти кишоварзӣ захира кард.**

Фурӯши маҳсулоти захирашуда аз якуми декабри соли гузашта оғоз гардид. Ин нуктаро муовини раиси Иттифоқи «Тоҷикматлубот» Хуршед Раҳмонализода шашуми феврал зимни нишасти матбуотӣ зикр кард.

- Соли 2023 бозорҳои иттифоқ бомаром фаъолият намуда, фурӯши меваю сабзавот васеъ ба роҳ монда шуд, - изҳор дошт номбурда.

Бино ба гуфти ӯ, даромади умумии «Тоҷикматлубот» соли сипаришуда 97,1 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022 ним миллион сомонӣ зиёд мебошад.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии кишвар соли 2023-ро, бо вуҷуди душвор будани вазъи ҷаҳони муосир, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он, барои Тоҷикистони азизамон, ба шарофати заҳмати аҳлонаю содиқонаи мардуми сарбаланди мамлакат, боз як соли бобарор ва пурфайзу бобаракат арзёбӣ намуданд. Аз ҷумла, зикр гардид, ки маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли 2022-юм 8,3 фоиз зиёд гардида, ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонда шуд.**

Дар ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд шуд. Инчунин, даромади пулии аҳолӣ 3,3 баробар афзоиш ёфта, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112,7 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расид. Музди миёнаи меҳнат бошад, беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардид.

энергетикии кишвар 85,7 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Низоме, ки дар 75 соли замони гузашта муҳлати истифодаи аксари таҷҳизоти он қариб, ки ба анҷом расида буд, таҷдиду навсозӣ гардид. Соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт-соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт-соат ё 28 фоиз зиёд мебошад. Соли 2025 агрегати сеюми Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба истифода дода мешавад. Бо ин мақсад дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳоло дар ин иншооти муҳими аср 15 ҳазор мутахассисону коргарон ва 3,5 ҳазор техникаи сохтмонӣ фаъолият доранд. Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи «иқтисоди сабз» соли 2037 воқеан ба «кишвари сабз» табдил меёбад.

Дар натиҷаи тадбирҳои аз ҷониби Ҳукумати мамлакат амалигардида ва заҳмати софдилонаи кишоварзон сатҳи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ афзоиш

# ПАЁМ - ҚУТБНАМОИ РУШДИ УСТУВОР

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки ҷиҳати дар ҳафт соли минбаъда то 10 фоиз паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои мушаххасро амалӣ намоянд.

Бо фароҳам омадани имконият хусусияти иҷтимоии буҷети давлатӣ тақвият дода шуда, хароҷот барои илму маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,6 миллиард сомонии соли 2017 ба 18,5 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расонда шуд, яъне 1,9 баробар зиёд гардид. Дар ҳафт соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ӯҳдадориҳои дигар зиёда аз 21,9 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2023-юм 4 миллиард сомонӣ, равона шуд.

Дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаю коргоҳи истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншооти соҳаи маориф, 1213 муассисаи тандурустӣ, 11,5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду навсозӣ шуданд. Танҳо дар соли 2023 соҳибкорони мамлакат 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта ба истифода супориданд.

Соли ҷорӣ аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст дар соҳаи маориф 117 иншоот барои беш аз 43 ҳазор хонанда бунёд гардида, дар соҳаи тандурустӣ сохтмону навсозии 139 иншоот анҷом дода шуд.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар ҳафт соли охир ба кишвар ба маблағи беш аз 95 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид шуда, ҳоло дар мамлакат 724 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 152 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст. Тибқи «Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030», ҳаҷми сармояи мустақим то соли 2026 нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то 10 фоиз расонда шуда, солҳои 2022-2026, яъне дар панҷ сол бояд ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шавад.

- Тайи соли охир дар кишвар беш аз 1200 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 1992 4,6 баробар афзоиш ёфта, ба зиёда аз 46 миллиард сомонӣ расонида шуд. Бо вуҷуди ин, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз қабили фарсудашавии таҷҳизот, сатҳи пасти рақобатпазирии маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳои гардони корхонаҳо ва кадрҳои баландихтисос, вуҷуд доранд, - иброз намуданд Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Солҳои охир тағйирёбии иқлим дар миқёси сайёра ба мушкилии аввалиндараҷа табдил ёфта, Тоҷикистонро низ таҳти таъсири манфии худ қарор додааст. Дар кишвари мо ҳар сол офатҳои табиӣ, аз ҷумла хушксолӣ, омадани сел, фаромадани тарма ва ярч, ба аҳолӣ ва иқтисоди кишвар зарари зиёд мерасонанд. Бинобар ин, бо мақсади истеҳсоли «энергияи сабз», рушди «иқтисоди сабз» ва паст кардани партови газҳои гулхонаӣ зарур аст, ки дар самти сармоягузории давлатӣ ва рақамикунонии ҳифзи муҳити зист тадбирҳои иловагӣ амалӣ карда шаванд.

Бояд гуфт, ки солҳои охир рушди бомароми соҳаи энергетика ба раванди саноатикунонии босуръати кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст. Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои навсозӣ, яъне таъмиру таҷдиди низоми

ёфта, соли 2023 истеҳсоли ғалладонагиҳо назар ба соли 1991-ум 6 баробар, аз ҷумла гандум-5,6, шолӣ-6,7, картошка-10,8, сабзавот-9, полезӣ-17,5, мевачот-10 ва ангур 2 баробар зиёд шудааст. Солҳои охир дастгирӣ ва имтиёзҳои барои рушди соҳаи кишоварзӣ пешниҳодгардида натиҷаҳои мусбат дода истодааст: дар ҳафт соли охир ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 1,6 баробар зиёд гардидааст. Танҳо дар асоси татбиқи имтиёз дар соҳаи парандапарварӣ дар ин давра шумораи корхонаҳои парандапарварӣ 3,3 баробар ва ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти соҳа 5 баробар афзоиш ёфт.

Соли 2023-юм 15 ёдгории таърихию фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳон гардид.

Рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босубот давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дастгирии таҳқиқоти илмӣ тавассути боло бурдани меъёри маблағгузории он, таъсиси марказҳои муосири илмӣ, озмоишгоҳҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо истеҳсолот дар давраи минбаъда вазифаи муҳим арзёбӣ мегардад. Соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар расидааст. Тибқи дурнамо, ин шумора то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад. Ин раванд зарурати бунёди муассисаҳои таълимии нав ва баланд бардоштани имкониятҳои низоми маорифро тақозо мекунад. Агар дар соли 2023 шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 103 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас қабул ба синфи 1-ум 261 ҳазор нафар расидааст.

Тоҷикистон, тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки ҷаҳонӣ, ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ зиёд мебошад.

Ҷиҳати идома додани ғамхории давлат ва Ҳукумати мамлакат ба мардуми кишвар, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки аз 1-уми июли соли 2024 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо дар ҳаҷми 30 фоиз аз андозаи муқарраргардидаашон индексатсия, маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳо 40 фоиз зиёд карда шаванд.

Инчунин, аз 1-уми январи соли 2024 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар кормандони ин мақомот 40 фоиз зиёд шуда, ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар ба андозаи 800 сомонӣ дар як моҳ муқаррар гардид.

Ҳамаи ин ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои некуаҳволии ҳар як сокини кишвар равона гашта, ҷавобан ба ин ғамхориҳо ҳар яки мо бояд содиқона ва софдилона ба Ватан-Модар хизмат намоем.

**Ғ. А. ШАРИФЗОДА,**
**Ф. Р. НАҶМИДДИНИЁН,**
**вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МАВСУМА МУИНӢ МУОВИНИ РАИСИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ИНТИХОБ ШУД

**(Идома аз саҳ. 2)**

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Салимзода А. А.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Шарифзода Ф. Ҳ.» оғоз менамоем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Шарифзода Ф. Ҳ.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Толибзода Ф. Н.» шурӯъ мекунем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Толибзода Ф. Н.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Шарифзода Ф. Ҳ.» оғоз менамоем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Шарифзода Ф. Ҳ.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Икромӣ С. С.» шурӯъ мекунем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Икромӣ С. С.» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

**Дар ҳар давлат биноҳое мавҷуданд, ки дар онҳо муҳимтарин масъалаҳои дохилию байналмилалӣ баррасӣ ва ҳал шуда, аҳамияти таърихию сиёсӣ ва низомӣ пайдо кардаанд. Аз ҷумла, Кремли Москва, Кохи Сафеди Вашингтон, Қасри Елисейи Париж, Рейхстаги Берлин, Арк - қасри шоҳӣ ва президентии Кобул (то 15 августи соли 2021), Қасри сенаторҳои Рим, Қасри сулҳ – қароргоҳи расмии Суди байналмилалии СММ дар шаҳри Гаага ва ғайра биноҳои таърихии ҷаҳон ба ҳисоб мераванд. Чунин биноҳо нишонаи соҳибдавлатӣ, идоракунии давлат, маданияти давлатдорӣ ва фарҳанги шаҳрдорӣ мебошанд.**



# МУҲТАШАМ ВА ТАЪРИХӢ

## Назаре ба таърихи бинои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



**Ф. ИДИЗОДА,**
**раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ**

Дар замони муосир ҳар як давлат кӯшиш менамояд, ки ҳар чӣ бештар сайёҳонро ҷалб намуда, фоида ба даст оварда, дастовардҳои миллии худро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намояд. Маҳз, мавҷудияти чунин биноҳои таърихию сиёсӣ ба ҷалби бештари сайёҳон мусоидат менамоянд.

Бинои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази шаҳри Душанбе ҷойгир буда, ҳар рӯз ҳазорҳо шаҳрвандони мамлакату сайёҳони хориҷӣ аз назди он гузар мекунанд. Ба назари мо, ба нашр расондани маълумоти муфассал дар бораи таърихи бинои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми мантиқии дастгирии рушди соҳаи сайёҳии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Лозим ба ёдоварист, ки бо иқдомҳои пайгиронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба шарофати эълон намудани сиёсати «дарҳои кушода», таъмини амният ва иҷрои софдилонаи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, ҳамчунин, густариш додани ҳамкориҳои мутақобилан судманди мамлакат бо давлатҳои хориҷию созмонҳои байналмилалӣ пойтахти мамлакат макони баргузории чорабиниҳои байналмилалии глобалӣ гардид. Аз баракати чораҳои андешидашуда, сиёсати инсонпарварона ва созандаю бунёдкоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташрифи намояндаҳои давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ба пойтахти мамлакат сол ба сол зиёд шуда истодааст. Қариб ҳар ҳафта меҳмонон аз кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ташриф оварда, ба ин васила, робитаҳои байнипарлумонӣ ва байналмилалии парлумони мамлакат густариш меёбад. Мавқеи бино, шароити пазироӣ ва гусели меҳмонони хориҷӣ, ҳамчунин, баргузории мулоқоту конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ дар ташаккули робитаҳои байнипарлумонӣ нақши муассир дорад.

Бинои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шумори биноҳои муҳими давлатие қарор дорад, ки дар онҳо рӯйдодҳои барои халқу давлатамон тақдирсоз баргузор гардида, зербинои давлатдории навини Тоҷикистон гузошта шудааст. Таърихи сохтмон ва бунёди бинои мазкур, мутаассифона, то кунун аз назари муҳаққиқон канор мондааст. Таърихи бунёди шаҳр ва биноҳои маъмурии аввалини он ба давраи ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1924 ва баъдан табдил ёфтани он ба Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1929 алоқамандӣ дорад. Соли 1926 аввалини раиси Кумитаи иҷроияи Сталинободии шурои шаҳрии коргарон, деҳқонон ва вакилони артиши сурх Абдукарим Розиқов таъйин мегардад. Дар ин давраи тақдирсоз масъулияти зиёд баҳри гузоштани пойдевори пойтахти ҳамонвақтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи ӯ вогузор мешавад. Номбурда баҳри аз деҳа ба «шаҳри намунавии коммунистӣ» табдил додани Душанбеи ҳамонвақта кӯшиши зиёд мекунад. Мавриди зикр аст, ки барои ташкили шаҳрҳои нав дар ҷумҳуриҳои нави иттифоқии Осиёи Миёна И. В. Сталин оид ба сарпарастии чунин шаҳрҳо аз ҷониби шаҳрҳои тараққикардаи ҷумҳуриҳои Россия ва Украина дастур медиҳад. Тибқи дастури мазкур, шаҳри Ленинград сарпарасти шаҳри Душанбе буд. Дар ин замина, садҳо мутахассисони соҳаҳои гуногун ба Душанбе сафарбар гардиданд. Бо дархости Абдукарим Розиқов соли 1926 гурӯҳи меъморон ва муҳандисон барои расондани кумак ба Душанбе барои банақшагирӣ ва сохтмони биноҳои давлатию ҷамъиятӣ фиристода шуданд. Соли 1926 банаворгирии топографӣ гузаронда, лоиҳаи пойтахт кашида шуд ва аввалин кӯчаю хиёбонҳо нақшакашӣ шуданд.

Бо мақсади ба роҳ мондани сохтмонҳои нав барои муассисаҳои давлатӣ ва манзилҳои истиқоматӣ зарурати таъсиси ниҳод барои корҳои лоиҳакашӣ ба вуҷуд омада, моҳи октябри соли 1930 чунин муассиса бо номи «Таджикгоспроект» таъсис дода шуд. Дар муассисаи навтаъсис меъморони рус ба кор шурӯъ намуданд. Дар нимаи дуюми соли 1936 ба Душанбе, ки он замон Сталинобод ном гирифта буд, меъморони нав аз ҳисоби хатмкардагони Донишкадаи ленинградии сохтмонии муҳандисию коммуналӣ ба кор меоянд. Онҳо дар якҷоягӣ дар муассисаи «Таджикгоспроект» ба кор оғоз намуда, дар фаъолияти муассисаи мазкур ва таҳияи лоиҳаю сохтмони биноюю иншооти шаҳри Душанбе ва умуман ҷумҳурӣ, саҳм гузоштанд.

Бори нахуст аз ҷониби меъморони ленинградӣ лоиҳаи нақшаи генералии шаҳри Душанбе таҳия гардида, ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод ва моҳи марти соли 1937 барои 15 соли оянда қабул гардид. Дар он солҳо, бинобар мавҷуд набудани шароит, воситаҳои техникӣ, масолеҳи сохтмонӣ, гармии ҳаво, кофӣ набудани таҷрибаи кор дар макони нав асосан биноҳои якошёна ва дуошёна бунёд мегардиданд. Масалан, соли 1937 дар Душанбе аз 4295 иншоот танҳо 73 бино дуошёна ва 3 бино сеошёна буданд.

1 марти соли 1936 аввалин конференсияи меъморон ва сохтмончиён дар Душанбе баргузор гардида, Иттифоқи архитекторони Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки аз соли 1937 то соли 1948 раисии онро Михаил Захаров ба ӯҳда дошт. Соли 1937 нақшаи генералии шаҳри Душанбе барои 15 сол тасдиқ гардида, дар он сохтмони бинои «Хонаи Ҳукумат дар Сталинобод» ба нақша гирифта шуд. Барои таҳияи нақшаи бинои мазкур озмун эълон гардида, соли 1938 аз ҷониби сармеъмор М. Захаров, сармуҳандис Драчук, конструктор С. Анисимов ва муҳандис Н. Рекант лоиҳаи кории «Хонаи Ҳукумат дар Сталинобод» ба озмун пешниҳод карда мешавад. Лоиҳаи фасади асосӣ аз тарафи Майдони алоқа, (ҳоло майдони Исмоили Сомонӣ) аз ҷониби архитектор Стефан Анисимов таҳия шудааст. Дар лоиҳаи кории «Хонаи Ҳукумат дар Сталинобод» дар қисмати пеши бино барои баргузории сафороиҳои ҳарбӣ ва роҳпаймоиҳо дар рӯзи идҳои умумихалқӣ бунёди майдон пешбинӣ шуда буд, ки ҳоло бо номи майдони Исмоили Сомонӣ машҳур аст.

Бояд зикр намуд, ки дар рангубор ва ороиши дохилии «Хонаи Ҳукумат дар Сталинобод» нақши рассом ва архитектори рус Сергей Захаров зиёд мебошад. Ӯ хатмкардаи Омӯзишгоҳи рассомии шаҳри Новосибирск ва Донишкадаи архитекторию сохтмонии Томск буда, соли 1931 барои истиқомат ба шаҳри Ленинград меояд. Соли 1936 ба гурӯҳи лоиҳакашони Театри опера ва балети Сталинобод (ҳоло Театри давлатии опера ва балети ба номи С. Айнӣ) шомил гардида, ҷиҳати банақшагирӣ, сохтмон, ороиши берунӣ ва дохилии бинои мазкур нақши асосӣ доштааст. С. Захаров дар баробари пешаи меъморӣ яке аз рассомони беҳтарини собиқ ИҶШС ба шумор мерафт. Сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла маводи интишории Ғафур Шерматов ва манбаъҳои интернетӣ, нишон медиҳанд, ки С. Захаров соли 1947 аз Ленинград ба Душанбе даъват гардида, лоиҳаи ороиши дохили бинои «Хонаи Ҳукумат дар Сталинобод»-ро тарҳрезӣ намудааст. Мавсуф ҳамроҳи ҳамсараш, рассом Мария Абрамовна Зубреева ороиши дохилӣ, аз ҷумла плафонҳо ва ороиши деворҳои бинои «Хонаи Ҳукумат дар Сталинобод»-ро таҳия ва амалӣ намудааст. Соли 1951 С. Захаров барои хизматҳояш дар ороиши «Хонаи Ҳукумат дар Сталинобод» бо унвони фахрии «Ходими хизматнишондодаи санъати ҶШС Тоҷикистон» қадрдонӣ гардидааст.

Ҳамин тариқ, бинои «Хонаи Ҳукумат дар Сталинобод» соли 1949 ба истифода дода шуд. Солҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ асосан дар бинои мазкур Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон ва Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон фаъолият мекарданд. Дар қаноти рости бино то парокандашавии ИҶШС идораи «ГОСПЛАН»-и ҶШС Тоҷикистон ҷойгир буд ва дар қаноти чапи бино Вазорати корҳои хориҷии ҶШС Тоҷикистон фаъолият мекард.

Бузургтарин рӯйдоди асри XX барои мамлакат, яъне эълон гардидани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991, дар толори таърихии Шурои Олии ҳамонвақта сурат гирифт. Пас аз эълони Истиқлолияти давлатӣ дар бинои мазкур асосан Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 6 ноябри соли 1994 инҷониб Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) фаъолият мекард. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Шурои вазирон, баъдан Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бинои собиқ Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти ҶШС Тоҷикистон кӯчида, бинои Маҷлиси Олӣ пурра ба ихтиёри мақомоти қонунгузор вогузор гардид. Пас аз табдил ёфтани Шурои Олӣ ба Маҷлиси Олӣ ва аз мақоми фаъолияташ даъватӣ ба парлумони думаҷлиса ва доимоамалкунандаи касбӣ гузаштан дар бино тағйироти куллӣ ба вуқӯъ омад. Толорҳои нав барои гузаронидани ҷаласаҳои Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ ба истифода дода шуданд, ки айни ҳол бо тамоми шароити замонавӣ бо мақсади таъйиншуда истифода мегарданд.



# ҶАШНИ ОТАШ, ҶАШНИ ЗИМИСТОН

**Сада, ки бо номҳои ҷашни оташ, ҷашни зимистон ва садасӯзӣ низ ёд мешавад, ҳазорон сол пеш пайдо шуда, аз куҳантарин идҳои ориётаборон аст. Дар манобеи илмӣ ва шарҳҳои омиёна садаро садумин рӯзи зимистон гуфтаанд: аз ибтидои зимистон - 1-уми обон (23-юми октябр) то 10-уми баҳман (30-юми январ) ва аз 10-уми баҳман (30-юми январ) то Наврӯз (21-уми март) 50 шабонарӯз аст, ки бо шумори шабу рӯз 100 рӯзро ташкил медиҳад.**



Дар мавриди решашинохтӣ ва шарҳи вожаи сада фикрҳои мухталиф ҷой доранд. Аз ҷумла, Абурайҳони Берунӣ мегӯяд: «Сада гӯянд, яъне сад ва он ёдгори Ардашери Бобакон аст ва дар иллату сабаби ин ҷашн гуфтаанд, ки ҳар гоҳ рӯзҳо ва шабҳоро ҷудогона бишуморанд, миёни он ва охири сол сад ба даст меояд» («Осор-ул-боқия»). Гардезӣ низ ба ҳамин бовар аст: «Миёни ин рӯз ва миёни Наврӯз сад шабонарӯз бувад, яъне панҷоҳ рӯз ва панҷоҳ шаб, бад-ин сабаб Сада ном кардандаш» («Зайн-ул-ахбор»). Номи ин ҷашнро ба Каюмарс низ пайванд медиҳанд: «Чун дар ин рӯз адади фарзандони Одам, ки Каюмарс иборат аз он аст, ба адади сад расида, лиҳозо рӯзи ҷашн муқаррар шуда...» («Ғиёс-ул-луғот»,417).

Сад вожаи тоҷикӣ буда, реша дар забонҳои эронии бостон дорад: дар форсии миёна sat, эронии бостон sata, санскрит śatά, авестоӣ sata, форсии бостон θata, суғдӣ st «Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ». Дар «Ғиёс-ул-луғот» омадааст: «ва лафзи сад (صد) дар асл ба сини муҳмала (سد) аст, ки ҳоло ба сод машҳур шуда» ва صد муарраби «سد» нест, балки таҳти таъсири хати арабӣ бо «ص» китобат шудааст.

Бархе аз донишмандон, аз ҷумла Меҳрдоди Баҳор ва Раҳом Аша, бар ин андешаанд, ки вожаи сада ба адади сад пайванд надорад ва онро тафсири омиёна хондаанд. Сада дар забони авестоӣ saδa аз решаи sand – «баромадани офтоб, тулӯъ», дар форсии миёна sad – «баромадан», суғдӣ sat «баромадан» ва xᵛēr satē – «баромадани хуршед» аст, зеро дар ин рӯз чиллаи калон ба поён расида, чиллаи хурдак мерасад ва ҳаво рӯ ба гарм шудан меорад.

Эроншинос Раҳом Аша дар мавриди вожаи сада чунин андеша дорад: «Пешиниён дар ҷашни Сада ду вожа - сада (шумори сад) ва сада (баромада, бархоста)-ро бо ҳам омехтанд. Аз поёни меҳрмоҳ то даҳуми баҳман сад рӯз аст, пас меҳр меравад то сад рӯз, ки барояд. Ҷашни Сада бозомадани меҳр – хуршед, офтоб аст, барои ҳамин оташ меафрӯзанд. Пас, сухани Берунӣ нодуруст нест, танҳо порае аз номи Садаро гӯяд. Гузориши ӯ аз 50 шабонарӯз то Наврӯз нодуруст аст». Андешаи Раҳом Аша аз поёни меҳрмоҳ (22-юми октябр), ки меҳр (хуршед) меравад, то 10-уми баҳман (30-юми январ) тақрибан 100 рӯз фосила аст ва чиллаи бузург ба поён мерасад ва хуршед мебарояд ва табиат майл ба гармӣ мекунад ва ба ин далел мардум фаро расидани Садаро ҷашн мегиранд.

Рози ҷашни Садаро мебояд дар ривояту афсонаҳо ҷӯё шуд, зеро ин ҷашн аз воқеият дур шуда, сурати устураӣ гирифтааст.

Бархе иддао доранд, ки аз шаби ялдо (21-уми декабр) то 10-уми баҳман чил рӯз сипарӣ мешавад ва онро чилрӯзагии офтоб ва поёни чиллаи калон меҳисобанд.

Абулқосим Фирдавсӣ бар ин андеша аст, ки ҷашни Сада аз замони Ҳушанг - замони падид омадани оташ маншаъ гирифтааст:

***Нигаҳ кард Ҳушанги боҳушу ҳанг,***
***Гирифташ яке сангу шуд пешчанг.***
***Баромад ба санг гарон санги хурд,***
***Ҳам ону ҳам ин санг бишкаст хурд.***
***Фурӯғе падид омад аз ҳар ду санг,***
***Дили санг гашт аз фурӯғ озаранг.***
***Нашуд мор кушта, валекин зи роз,***
***Аз ин табъи санг оташ омад фароз.***
***Ҷаҳондор пеши ҷаҳонофарин,***
***Ниёиш ҳамекарду хонд офарин.***
***Ки ӯро фурӯғе чунин ҳадя дод,***
***Ҳамин оташ он гоҳ қибла ниҳод.***
***Яке ҷашн кард он шабу бода хвард,***
***Сада номи он ҷашни фархунда кард.***
***Зи Ҳушанг монд з-ин Сада ёдгор,***
***Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр.***

Дар тӯли таърих пас аз густариши ислом ва ҳамлаи муғул шеваи баргузории ин ҷашн тағйир ёфт, аммо эҳтиром ба табиат ва ҳифозати он ва барафрӯхтани оташ, ситоиши некӣ ва ғалабаи нур бар зулмот ҳамоно боқӣ монд. Баргузории ҷашни Сада гувоҳи ҳамбастагии инсони ориёӣ бо табиат буда, мисли ҷашнҳои чаҳоргонаи бостонию мардумии миллати мо - Наврӯзу Меҳргону Тиргон бар пояи дигаргуншавии фаслҳои чаҳоргонаи табиат асос ёфта, вобастагии бисёр аз ҳаёти онҳо дорад.

Сада реша дар қаъри таърих дорад ва аз ҷашнҳои миллии мост. Пос доштани расму оини гузаштагон, ки нишоне аз ҳувияту фарҳанги миллист, арҷ гузоштан ва дар мақоми шоиста нигоҳ доштану таҷлили он вазифаи ҳар фарди солимфикри ҷомеа аст.

**Фарангис ШАРИФЗОДА,**
**директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ**

